# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6DKOA-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи “Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо

Шароити иқлимии минтақаҳои парвариш, инчунин тафовутҳои навъии офтобпараст таъсири назаррас ба раванди ташаккул ва рушди киштзори ин зироат мерасонанд. Дар ин замина, яке аз омилҳои муҳимтарин, ки сатҳи ҳосилнокиро муайян месозад, таносуби унсурҳои майдони кишт ва андозаи сатҳи баргҳои растанӣ ба ҳисоб меравад.

Реҷаи радиатсионӣ дар минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон, нисбат ба дигар вилоятҳои мамалакат, дорои як қатор хусусиятҳои махсус мебошад. Дар ин ҷо тавозуни радиатсионӣ ҳамеша мусбат буда, ба арзишҳои баландтарин мерасад. Ба ҳисоби миёна, ҳаҷми солонаи энергияи офтобӣ, ки ба сатҳи замин мерасад, дар водии Вахш 159 ккал/см$^2$, дар водии Ҳисор -151 ккал/см$^2$ ва дар минтақаи Кӯлоб - 155 ккал/см$^2$-ро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор радиатсияи фотосинтетикӣ фаъол (РФФ) мутаносибан ба 71,4; 72,5 ва 75,4 ккал/см$^2$ баробар мебошад.

Масоили ташаккули массаи биологии узвҳои рӯизаминии растаниҳо ва сатҳи ассимилятсионӣ дар аксари зироатҳои кишоварзӣ ба таври кофӣ омӯхта шудаанд. Бо вуҷуди ин, механизмҳои физиологии ҳосилхезии биологии офтобпараст дар Тоҷикистон, махсусан навъҳои равғандиҳандаи баландҳосили он, ҳанӯз ҳам кам таҳқиқ шудаанд. Олимон Пимахин В.Ф., Лекарев В.М., Соловев П.Н. ва дигарон қайд карданд, ки дар ҳудуди мамлакат ин зироатро бештар дар минтақаҳои дорои захираҳои хуби гармӣ ҳамчун кишти такрорӣ барои силос истифода мебаранд. Дар натиҷа, то 200-300 сентнер/га массаи сабз ва то 30 сентнер/га дона ҳосил ба даст оварда мешавад. Дар кори диссертатсионии Абдукаримзода Қ.А. ин андеша инъикоси худро бараъло пайдо кардааст.

Ғайр аз аҳамияти ғизогӣ, офтобпараст барои Тоҷикистон ҳамчун зироати равғанӣ низ нақши муҳиме дорад, зеро равғани бадастомадаи он аз сифати баланди ғизоӣ бархурдор аст.

Чунин умумиятҳо боис бар он гардиданд, ки диссертант Абдукаримзода Қ.А. дар ин самт диссертатсияи алоҳидаи илмиеро бо номи «Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)» рӯи кор оварад.

Шиносоӣ бо маводи диссертатсионӣ, мазмуну мундариҷаи он, таҳлили адабиёти истифодашуда ишора бар он мекунанд, ки дар пайи таҳқиқи мавзуъ диссертанти унвонҷӯй аз сарчашмаҳо, китобу асарҳои таълифкардаи худи маорифпарварон бо забони асл ва дар тарҷумаҳо, асарҳои илмӣ-тадқиқотии олимони ватанию хориҷӣ хуб огаҳӣ дошта, аз онҳо самаранок истифода бурдааст.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия диссертант бо якчанд далел мубрамият ва аҳамияти илмии мавзуи интихобкардаашро нишон медиҳад. Дар қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ бошад, диссертант мавқеи олимони ватанию хориҷиро, ки ба мавзуи зикршуда дахолат кардаанд, ба таври мушаххасу нишонрас нишон медиҳад ва самти таҳқиқоташро дақиқ мегардонад.

Аз ин рӯ иқдоми диссертант дар ин ҷода қобили қабул ва дастгирӣ буда, мавзую муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба шиносномаи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Абдукаримзода Қ.А. дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, мустақилона навишта шудааст ва ба мавзуи мубрами рӯз, яъне баррасии низоми таълиму тарбия тааллуқ дорад. Асоснокӣ ва эътимоднокии ҳар як натиҷаи бадастоварда бо коркарди миқдори зиёди маводҳои таҷрибавӣ ба исбот расонда шудааст. Таҳқиқот дар мӯҳлати 3 сол дар се минтақаи водии Вахш: ноҳияи А. Ҷомӣ - қитъаи Мушкурут, водии Ҳисор - қитъаи таҷрибавии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ, минтақаи кӯҳсори Кӯлоб - ноҳияи Мӯъминобод- қитъаи Навбаҳор, гузаронида шуданд.

Таҳқиқоти анҷомёфта дар асоси равишҳои васеи методологӣ, ки он ҳам усулҳои классикии анъанавӣ ва ҳам методҳои муосири

таҳлили илмиро дар бар мегирад, гузароинда шуданд. Маълумотҳои дар раванди таҳқиқоти илмӣ бадастомада бо дар асоси тафсирҳои математикӣ ҳамаҷониба коркард гардида, он ба таъмин намудани объективият ва эътимоднокии тафсири натиҷаҳо мусоидат менамояд. Баррасии хулосаҳои таҳқиқот бо дарназардошти таҳлили муқоисавии маводи қаблан ҷамъшудаи илмӣ, ки дар адабиёти хусусӣ вобаста ба ин масъала инъикос ёфтааст, сурат гирифт. Хулосаҳои калидӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада дар маърӯзаҳо зимни конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналхалкӣ ироа гардида, ҳамчунин дар шакли мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр шудаанд.

Диссертатсия ба якчанд банди шиносномаи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо мутобиқат мекунад.

**Банди 5.** Фотосинтез. Рушноӣ ҳамчун омили танзими афзоиш ва инкишофи растаниҳо. Пигментҳо, таҳқиқоти таркиб ва нақши амалкардии онҳо. Асосҳои физиологӣ - биохимиявии фотосинтез.

-Маҳсулнокии холиси фотосинтези навъҳои офтобпараст дар шароити гуногуни иқлимӣ –зербоби 3.4., масоҳати барг ва иқтидори фотосинтетикии киштзори навъҳои офтобпараст дар шароити гуногуни иқлимӣ-зербоби 3.5., маҳсулнокии биологӣ ва хоҷагидории навъҳои офтобпараст дар шароитҳои гуногуни иқлимӣ зербоби 3.6.

**Банди 9.** Физиологияи мубодилаи об ва реҷаи обии растаниҳо. Сохтор ва фаъолияти аквапоринҳо.

-зербоби 3.1. Мубодилаи об дар навъҳои растании офтобпараст омӯхта шуд -зербоби 3.2., танқисии ҳақиқии об ва қобилияти обнигоҳдории барги навъҳои офтобпараст дар шароитҳои гуногуни иқлимӣ нишон дода шудааст -зербоби 3.2.2.

**Банди 11.** Асосҳои физиологӣ -биохимиявии муқовимати растаниҳо ба шароити ногувори муҳити беруна. Физиология ва биохимияи мутобиқшавии растаниҳо ба шароити ногувор. Вокуниши растаниҳо ба ксенобиотикҳо, нанозарраҳо ва таҳти партави радиатсияи муҳити зист.

-Ғизлатнокии ширaи ҳуҷайра ва фишори осмотикии он дар барги навъҳои офтобпараст дар шароити гуногуни иқлимӣ- зербоби 3.2.3.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба тамоми талаботи таҳқиқоти илмӣ, муқаррароти муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ мебошад ва ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 барои ҳимоя карданд қабул карда шавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ оид

ба диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи “Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

-**Мирзораҳимзода Акобир Карим**- доктори илмҳои биология, профессор, ноиби президент ва раиси Шуъбаи илмҳои биологии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

-**Давлатбек Суҳайло Худоёрбек** - номзади илмҳои биологӣ, декани факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев.

-Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров.

- Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

- Пешниҳод карда мешавад, ки барои нашр ва паҳнкунии автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

-комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд, ки диссертатсия дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шавад.

-доир ба нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия хулоса пешниҳод мегардад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукаримро дар мавзуи “Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи

“Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. - Физиология ва биохимияи растаниҳо ба ҳимоя қабул карда шавад.

1. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон розигӣ дода шавад.

2. Барои чопи автореферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъин шуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
Доктори илмҳои биологӣ, профессор — Алиев Қ.А.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
Доктори илмҳои биологӣ, профессор — Раҳимов С. Р.

Номзади илмҳои биологӣ, дотсент — Шахсуфбекова О.М.

Имзои Қ.А.Алиев ва С.Р. Раҳимовро тасдиқ мекунам.

Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти ботаника, физиология ва
генетикаи растании АМИТ — Умарова Н.С.

«08» 07 соли 2026

Имзои О.М.Шахсуфбековаро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати рушди кадрии
“ДДТТ ба номи Абуали ибни Сино” — Сафаров Б.

734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Карамов, тел: (+992-37) 224-71-88; 225-80-83. E-mail: ibfgr@bk.ru

«08» 07 соли 2026